# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (*дар мисоли ширкати радио ва телевизиони “Мавҷи Олмон”)*», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад ба таҳлилу таҳқиқи фаъолияти расонаҳои байналхалқӣ, аз ҷумла ширкати радио ва телевизиони “Мавҷи Олмон” бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки нақши расонаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла “Мавҷи Олмон”-ро дар фазои иттилоотии минтақа, танзиму ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ҳадаф ва вазифаҳои онҳоро таҳқиқу таҳлил карда, барои рушди минбаъда ва роҳҳои ҳалли проблемаҳои мубрами назариявию амалии фаъолияти ВАО-и байналхалқӣ ва ҳамчунин ватанӣ мусоидат хоҳад кард.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки ин мавзуъ дар илми журналистикаи тоҷик бори аввал мавриди таҳқиқ қарор мегирад ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони “Мавҷи Олмон” ҳамчун расонаи байналмилалӣ мавриди пажуҳиш дар доираи диссертатсия қарор мегирад. Ҳарчанд доир ба расонаҳои байналмилалии дар фазои кишварҳои Осиёи Марказӣ фаъолияткунанда корҳои илмию тадқиқотӣ сурат гирифта бошанд ҳам, аммо фаъолияти ширкати “Мавҷи Олмон” мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтааст.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро дар баррасии масъалаҳои назарӣ ва амалии фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ метавон мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ барои курсҳои

махсус оид ба журналистикаи байналхалқӣ, таърихи таъсис ва фаъолияти ВАО-и байналхалқӣ, фазои иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ, инчунин таҳқиқоти минбаъдаи журналистикаи байналхалқӣ ва навиштанидиссертатсиву корҳои илмии донишҷӯён маводд хоҳад дод.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Диссертатсия дорои мазмун ва мантиқи пайваст буда, натиҷа ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 8 мақола, ки 3-тояш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия мувофиқ мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва

арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (*дар мисоли ширкати радио ва телевизиони "Мавҷи Олмон")*» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (*дар мисоли ширкати радио ва телевизиони "Мавҷи Олмон")*» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмию таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Муллоев Шариф Боқиевич – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии "Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон";

- Ҳакимзода Раҳим Карим – номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири идораи барномаҳои иттилоотии “Телевизиони Душанбе”

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Муродӣ М. Б.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Муқимов М. А.

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои якдафъаина — Ғоибова Ф. М.

26.01.2026